**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Хуҷанд, 2023. – 173 с.**

Тарҷумаи бадеӣ яке аз рукнҳои асосии робитаи адабӣ буда, аксар вақт ба таъсири адабӣ мубаддал мешавад. Таҷрибаи эҷодӣ гувоҳӣ медиҳад ва илми адабиётшиносӣ исбот мекунад, ки осори шоири тарҷумашаванда хоҳу нохоҳ ба эҷодиёти шоири мутарҷим таъсир мерасонад. Он вақт тарҷумаи бадеӣ чун зуҳуроти муҳимми равобити адабӣ не, балки чун омили муҳимми инкишофи адабиёт эътибор пайдо мекунад. Таърихи тарҷумаи тоҷик хеле қадимӣ, бисёрпаҳлу ва ниҳоят ғанӣ буда, ба муҳаққиқи масъалаҳои равобити адабӣ имконияти калони мулоҳизаронӣ медиҳад. Аз ин рӯ, ба он таърихи ғанию қадим бо чашми дил назар кардани муҳаққиқ зарур аст. Дар ҷараёни тарҷума ва таърихи он ҳодисаҳои баръакси мулоҳизаҳои боло низ рух мезананд. Баъзе шоирони мутарҷим бештар ба нигоҳ доштани шакли шеъри тарҷумашаванда кӯшида, руҳ ва характери онро ба асос намегиранд. Дар натиҷа шакл ва қонуни забони асари тарҷумашаванда ба забоне, ки тарҷума дар он сурат мегирад, ба таври сунъӣ дохил мешавад. Аз ин ҳодиса ҳам забон зарар мебинад ва ҳам асари тарҷумашуда дар кишвари «бегона» муваффақият пайдо карда наметавонад.

Фарзона чун ҷавонтарин ва тавонмандтарин шоири даврони истиқлол дар ҳама анвои шеъри тоҷикӣ ҳунарозмоӣ намуда, дар аксар навъҳои он муваффақ ҳам гардидааст. Ибтикорот ва навовариҳои ӯ дар мақолаву рисолаҳои пажуҳандагон ва ҳаводорони шеъри ӯ дар заминаи ғазал ва дигар анвои шеъри кунунии тоҷик мавриди пажуҳишу мулоҳиза қарор гирифтааст, аммо фаъолияти тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи шеъри ӯ ба забони русӣ ва дигар забонҳо то ҳанӯз, то он ҷое, ки огаҳӣ дорем, ба истиснои ишораҳо мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар он зоҳир мешавад, ки то кунун бо вуҷуди таваҷҷуҳи муҳаққиқони алоҳида ба ин мавзуъ кори фарогир ва алоҳидае дар адабиётшиносии муосири тоҷик чун таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон мубрам арзёбӣ намуд. Довталаби дараҷаи илмӣ барҳақ қайд намудааст, ки «Таҳқиқи фаъолияти тарҷумонии

Фарзона ва тарҷумаи шеъри ӯ ба забони русӣ барои омӯзиши вежагиҳои адабии нимаи дуюми асри XX аҳаммияти хосе дорад. Фарзона дар баробари нишон додани истеъдоди баланди шоирӣ ба коргоҳи тарҷума низ ворид гашта, дар ҳамин ҷода ҳамчун яке аз нодиракорон шинохта шуд" (диссертатсия, с. 4).

Таҳқиқу баррасии ҳунари шоирӣ ва фаъолияти тарҷумонии Фарзона аз мадди назарҳо дур намонда, суханшиносону муҳаққиқон ба рӯзгору осори ӯ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Ин ҷо метавон аз пажуҳишҳои Абдунабӣ Сатторзода, Неъматҷон Файзуллоев, Матлубаи Мирзоюнус, Сафар Абдулло, Абдуҷаббори Суруш, Нуралӣ Нурзод, Сарфароз Юнусов ва дигарон ёдовар шуд. Масъалаи таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни эҷодиёти Фарзонаро аз тарафи насли нави адабиётшиносон ва унвонҷӯёну аспирантон ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» андешаҳои фавқро собит менамояд.

Фарзона аз оғози фаъолияти эҷодии худ таваҷҷуҳи шоирону нависандагон, адабиётшиносону мунаққидони ватанию хориҷиро ба худ ҷалб кардааст, зеро ба андешаи М. Муваҳҳидӣ "Дар осори ӯ эҳсосу отифаи занона, ишқ, дарди ватан ва умед ба фардо ба хубӣ ба якдигар пайванд хӯрдаанд. Камтар зани шоире метавон ёфт, ки ба сароҳат аз дардҳои иҷтимоӣ ва миллӣ низ сухан гуфта бошад ва шеъри ӯ ба воқеъ оинаи тамомнамои ранҷҳои замони худи ӯ бошад". Хушбахтона, чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам зоҳир мешавад ва паҳлуҳои гуногун ва андешаҳои нуҳуфтаи Фарзона мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор мегирад. Таваҷҷуҳи Раҳимова Наргис Қаҳоровнаро омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – нақши Фарзона дар тарҷумаи адибони русу ҷаҳон ва тарҷумаи шеърҳои шоира ба забони русӣ ва забонҳои дигар ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии доктори илми филология, профессор Ӯлмасова Замира Ҳабибуллоевна кори илмӣ-таҳқиқии хуберо анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир мeёбад, ки бори нахуст ду ҷиҳати муҳими тарҷумаи ашъори шоирони шинохтаи олам ба забони тоҷикӣ аз ҷониби Фарзона ва баргардонии ашъори Фарзонаро ба забони русӣ ва забонҳои дигар аз тарафи мутарҷимони рус ва хориҷӣ, дар ин замина бозтоби заминаҳо ва омилҳои руй овардани Фарзона ба тарҷумаи осори шоирони олам ба забони тоҷикӣ ва тарҷумаи шеъри ӯ ба забонҳои дигар ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии

адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши пажуҳиши муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва коргоҳи эҷодии адибони дигар ба адабиётшиносон, унвонҷӯён, магистрантону донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 16 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ дар навбати худ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи тарҷума чун воситаи инкишофи бадеӣ дар адабиёти тоҷик, истеъдоди тарҷумонии Фарзона аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Тарҷума-воситаи инкишофи бадеии адабиёти тоҷик» унвон дошта, дар он дар такя ба манобеъ ва таҳқиқоти

қаблан анҷомёфта, оид ба таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ, нақши тарҷума дар муаррифии ашъори Фарзона сурат гирифтааст. Фасли якуми ин боб «Аз таърихи тарҷума ва нақши он дар рушди равобити адабӣ» номгузорӣ гардида, нақши тарҷума дар адабиёти ҷаҳонӣ, андешаҳо ва гуфтаҳои донишмандони русу хориҷӣ ва тоҷик оид ба масъалаи мазкур, тарҷумаи бадеӣ дар замони муосир ва муайян намудани баррасии мухтасари ҷойгоҳи тарҷумаҳои русӣ ва тоҷикӣ дар раванди равобити адабии халқҳоро фаро гирифтааст. Зеро ба андешаи унвонҷӯй “Тарҷума, ки яке аз муҳимтарин василаҳои ворид шудани асари бадеӣ ба фарҳанги дигар аст, бидуни миёнаравии он адабиёти миллати дигар вуҷуд дошта наметавонад. Дар ҷаҳони муосир тарҷума ҳамчун шакли асосии робитаи адабии байни халқҳо торафт бештар баромад мекунад. Тавассути осори тарҷумашуда ҳар як халқ имконият пайдо мекунад, ки бо ганҷинаи адабиёти халқҳои дигар ошно гардад” (диссертатсия, саҳ.34).

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия, ки «Нақши тарҷума дар муаррифии ашъори Фарзона» унвон дорад, муаллиф падидаҳои нодири ҳунари шоирии Фарзона, тозакорӣ ва вижагиҳои забону услуб дар мазмунҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва ирфонии ашъори ӯро таъйин намуда, оид ба тарҷумаҳои шеърҳои шоира ва вижагиҳои он, ки аз тарафи мутарҷимони гуногун ба забонҳои англисӣ, олмонӣ, беларусӣ, арабӣ, ӯзбекӣ ва дигар забонҳои дунё низ тарҷума шудааст, андешаҳо баён карда, зикр мекунад, ки “Тарҷумаҳо имкон фароҳам оварданд, ки шеъри Фарзона дар сатҳи баланд ба адабиёти рус ва халқҳои дигар муаррифӣ гардад ва соҳиби он дар таърихи адабиёти садаи XX ва XXI ҷои муҳиммеро ишғол намояд. Ба хонандаи ҷаҳон тарҷумаҳо барои ошкор гардидани роҳҳои пурсамари эҷодӣ, ҷустуҷуҳои адабӣ имконияти фарҳангшиносӣ ва пурзӯр гаштани паҳлуҳои мухталифи равобити халқҳо ва ошноиву ҳамдилӣ мусоидат карданд” (дисс. саҳ.58).

Боби дуюми диссертатсия «Истеъдоди тарҷумонии Фарзона ва тарҷумаи ашъори адибони рус» ном дошта, аз чор фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал тарҷумаи ашъори Александр Пушкин, ки муддати даҳсолаҳо аз ҷониби А.Лоҳутӣ, С.Ализода, А.Ҳамдӣ, Ҳ.Юсуфӣ, М.Турсунзода, М.Раҳимӣ, С.Ҷавҳаризода, М.Фарҳат, Лоиқ, Гулрухсор, М.Шералӣ, Қ.Киром, С.Ҳалимшо, А.Адҳам, С.Маъмур, Фарзона ва дигарон ба амал омадааст, ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант ба маҳорати тарҷумонии Фарзона ва истифодаи қолаб, сабку услуби махсуси баён дар баргардони шоираро махсус таъкид намуда, ҳангоми муқоисаву баррасӣ ба он баҳои воқеӣ медиҳад.

Фасли дуюми ин боб ба таъйини вижагиҳои тарҷумаи ашъори Федор Тютчев ва Сергей Есенин ихтисос дошта, муаллиф дар ин фасл таҳлилу

баррасиҳои қобили таваҷҷуҳ дорад. Ба андешаи муаллиф “Таваҷҷуҳи Фарзонаро он шеърҳои адиби рус Федор Тютчев ҷалб намуданд, ки ҷанбаи воқеӣ, эҳсосӣ ва оҳангҳои ошиқонаи бештарро доштанд”. Дар ин фасл ҳамчунин мулоҳизаву мушоҳидаҳои диссертант оид ба ду тарҷумаи Фарзона аз шеъри Есенин мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Фарзона тавонистааст, ки ҳангоми тарҷума ҳолати руҳӣ ва эҳсосоти шоири русро дарк намуда, онро чунон ба тасвир гирифтааст, ки хонанда шеъри тарҷумавӣ будани онро эҳсос намекунад. Ба андешаи мо чунин тарҷумаҳое, ки зуд дилу дидаи хонандаро тасхир мекунад, алаккай моли адабиёти қабулкарда маҳсуб меёбад.

Диссертант дар фасли сеюми боби дуюм ба «Тарҷумаи ашъори Анна Ахматова», ки яке аз шоирони машҳури рус буда, бо осори гаронбаҳояш дар адабиёти «асри нуқрагин» -и рус нақши муассири худро гузоштааст, пардохтааст. Аз муҳтавои ин фасл бармеояд, ки ҳарчанд ашъори А. Ахматоваро шоирони тоҷик К.Насрулло, Б.Фирӯз, Д.Наҷот, З.Абдулло, А.Адҳам ва дигарон тарҷума намуда бошанд ҳам, вале тарҷумаҳои Фарзона бо истифодаи калимаву таркибҳои нодир, сабку усули хоси худ дар дили ҳар хонанда ҷои махсусро ишғол менамоянд, ки ин аз ҳунари волои мутарҷим башорат медиҳад.

Фасли чоруми боби дуюм «Ашъори Александр Блок ва Марина Светаева дар тарҷумаи Фарзона» ном дошта, дар он роҷеъ ба ҳунари тарҷумонии Фарзона ва таҳлилу баррасии ашъори шоирони рус изҳори назар шудааст. Диссертант аз ашъори А.Блок ва М. Светаева бо мисолҳои мушаххас тарҷумаҳои Фарзонаро бо нусхаи асл муқоиса ва дар барои маҳорати мутарҷимии шоир андешаҳо баён намуда, ҳифз ва нигоҳ доштани асолати мазмун ва образнокии ашъори шоирони рус аз тарафи мутарҷимро таъкид ва зикр мекунад, ки “Маҳорати тарҷумонии Фарзона дар баргардонии асарҳои назмӣ хеле баланд буда, бо ашъори дилангез, ифодаи образу маънӣ, таркибу ибороту вожаҳои нав дар адабиёти муосири тоҷик мақоми сазоворро соҳиб гардидааст. Таъсири адабиёти рус ба ашъори адиб хеле воло буда, дар ашъори тарҷумавии ӯ таҷассум ёфтааст” (дисс. саҳ.112).

Боби сеюми диссертатсия «Тарҷумаи ашъори адибони Ғарб ва Шарқ» унвон дошта, дар се фасли он тарҷумаи осори адибони Ғарб, намунаи ҳайкуҳои ҷопонӣ ва ашъори Абай Кунанбоев дар тарҷумаи Фарзона таҳқиқ шудаанд.

Диссертант дар фасли якуми боби сеюм, ки “Тарҷумаи осори адибони Ғарб дар эҷодиёти Фарзона” ном дорад, чакидаҳо аз осори И. Гёте, Ҳ. Ҳейне, Ҷ. Байрон, А. Экзюпериро, ки Фарзона бо як маҳорати хос тарҷума

намудааст, мавриди баррасӣ қарор додааст. Таъкид бояд кард, ки унвонҷӯй ҳангоми таҳлили тарҷумаҳои осори адибони фавқулзикр онҳоро бо тарҷумаҳои қаблӣ муқоиса намуда, вежагии тарҷумаҳои Фарзонаро, ки бо ҷаззобияту мазмуннокии худ фарқ мекунад, баррасӣ намудааст, ва албатта чунин таҳлилу таҳқиқ ёфтани масъала шоистаи таъкиду таҳсин аст.

Дар фаслҳои дуюму сеюми ин боб унвонҷӯй ҳайкуҳои ҷопонӣ ва ашъори Абайро, ки мавриди тарҷумаҳои Фарзона қарор гирифтааст, мӯшикофона, бо як маҳорати хос таҳлил намуда, андешаҳои муҳим баён мекунад. Воқеан, дар тарҷумаи "ҳайкуҳои ҷопонӣ ҳолати руҳиву таассуроти ботинии шоири тоҷик дар се мисраъ ғунҷоиш дода шудааст, ки ин кор на ба ҳар кас муяссар мегардад. Ҳарчанд ки, ин ҷинси адабӣ дар анвои жанрҳои адабии тоҷикӣ вуҷуд надорад, лекин Фарзона тавонистааст, бо як маҳорати шоирона таассуроташро инъикос намояд".

Хулосаи диссертатсияи Раҳимова Наргис Қаҳоровна фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 10 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ дар диссертатсия баъзе камбудӣ ва норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки бо нияти пешрафти корҳои таҳқиқии минбаъдаи муаллиф, зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1.Ба назари мо, дар қисмати мубрамии мавзуи таҳқиқ ва дараҷаи таҳқиқи мавзуъ як силсила муҳаққиқон ва рисолаҳои эшон, ки ба робитаҳои адабии халқҳо бахшида шудааст, аз қабили рисолаҳои А. Нуралиев, М. Зайниддинзода, З. Раҳмонов, Г. Шаҳидӣ, М. Бадалов ва дигарҳо аз назар дур мондаанд. Ҳол он, ки баъзе аз ин муҳаққиқон бевосита оид ба робитаҳои адабии халқҳои тоҷику рус ва бахусус чеҳраҳои мондагори он (Горкий, Гогол, Есенин ва диг.) рисолаҳои илмӣ дифоъ кардаанд.

2.Дар бахши дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва бобу фаслҳои диссертатсия ному насаби муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян

ба назар намерасад. Чунончи: Атахон Сайфуллоев (А. Сайфуллоев) Шокир Мухтор (Ш. Мухтор) ва ғайра...

3.Баъзе ҷумлаҳо дар диссертатсия аз нигоҳи сабк тасҳеҳталаб ва истифодаи ибораҳои муғлақ роҳ ёфтаанд. Масалан, “Бо вуҷуди ин робитаи адабиёти тоҷикон бо халқҳои дигар якхела набуда, ба усули дороиафзоиҳои мутақобила пойбанд будааст” (саҳ. 22). Дар чунин ҷумлаҳо мақсади диссертант нофаҳмо аст.

4.Дар фасли “Тарҷумаи ашъори Абай Кунанбоев” ба рисолаи А. Нуралиев “Абай” таваҷҷуҳ мешуд, бисёр хуб буд. Чунки муҳаққиқ дар ин китоб оид ба тарҷумаи ашъори Абай ба забонҳои гуногун аз он ҷумла тоҷикӣ маводи фаровоне додааст.

5.Агар ашъори Фарзона бори аввал аз тарафи Б. Ҳоҷибоева тарҷума шуда бошад, ба мақсад мувофиқ буд, ки он тарҷумаҳоро бо тарҷумаҳои Т. Смертина муқоиса мекард.

6.Дар китобномаи диссертатсия як идда рисолаҳое, ки бевосита оид ба робитаҳои адабӣ ихтисос дода шудааст, амсоли китобҳои А. Нуралиев, В. Самад, З. Раҳмонов, М. Бадалов, Г. Шаҳидӣ ва дигарон аз назар дур мондааст.

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри рисола ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Раҳимова Наргис Қаҳоровна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Раҳимова Наргис Қаҳоровна дар мавзуи «Нақши тарҷума дар эҷодиёти Фарзона» ба талаботи бандҳои 31-

35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология, профессори
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Худойдодов А.О.
«6» январи соли 2024.
Суроға: 734013, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Х. Мирзоев 1, гузаргоҳи 3
Тел.: (+992) 988253300
E-mail: khudoidodov1959@mail.ru

Имзои профессор А. Худойдодовро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.
Суроға: 734003 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Телефон: (+992-37) 224-13-83;
E-mail: info@tgpu.tj
«6» январи соли 2024.